**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Яке аз масъалаҳои мубрами илми фразеологияи тоҷик омӯзиши сохтори онҳо мебошад. Бо вуҷуди он ки таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик аз солҳои 50-уми қарни гузашта оғоз ёфта бошад, бо вуҷуди ин хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳо ба таври бояду шояд пурра ҳалу фасли худро наёфтаанд. Маҳз ҳамин паҳлӯи масъала диққати диссертантро ба худ ҷалб намудааст ва ба омӯзиши сохтору маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб даст задааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Одинаев С.П. «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» ба мавзуи пурра таҳқиқнашуда ва хеле аҳамиятноки фразеологии тоҷик бахшида шудааст ва чунин як масъаларо ба риштаи таҳқиқ кашидани диссертант қобили дастгирист.

Диссертатсия тибқи сохтори маъмули шаклгирии диссертатсияҳо аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби аввал «Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ» аз ду фасл иборат буда, дар зерфаслҳои он нишонаҳои асосӣ, махсус ё идоматикии воҳидҳои фразеологӣ, мавқеи аломатҳои сохторӣ дар таснифоти гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар фасли дигари боби мазкур гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳо таҳқиқ шудааст. Диссертант воҳидҳои фразеологиро шабеҳи конструксияҳои синтаксисӣ ба ҷумла ва ибораҳои фразеологӣ гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро аз рӯи мансубияташон ба ин ё он ҳиссаи нутқ, воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳои фразеологизм таҳлил намудааст. Диссертант ба масъалаи қолабҳои сохташавии ин гурӯҳҳои сохторӣ аҳамияти махсус дода, мавқеи воҳидҳои фразеологии

ҳамқолабро дар байни онҳо бо далелҳои муътамад ва маводи фаровон аз осори адибони тоҷик нишон додааст.

Дар боби дуюми кор хусусиятҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб таҳқиқ карда шуда, инчунин онҳо бо категорияи дигари фразеологӣ – гунаҳо ё худ вариантҳои фразеологӣ муқоиса карда мешаванд. Муаллифи диссертатсия барҳақ қайд менамояд, ки дар силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб маънои умумии воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи ҷузъҳои ивазшаванда муайян карда мешавад. Ин ҷузъҳо аксаран ба маънои аслии худ (маънои озоди лексикӣ) меоянд ва вазни асосии маъноии воҳиди фразеологӣ ба онҳо меафтад. Ҷузъҳои ба тағйирот дучоргардидаи вариантҳои фразеологӣ аз чунин хусусиятҳои маъноӣ маҳруманд, зеро маънои умумии воҳиди фразеологӣ на ба ҷузъҳои алоҳида, балки ба маънои яклухте вобаста аст, ки аз ҷамъи ҳамаи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ бармеояд. Масалан, дар вариантҳои фразеологии бо як тир ду *нишон* задан, бо як тир ду *шикор* задан, бо як тир ду *сайд* задан - яке аз ҷузъҳои дохили онҳо (шикор, сайд, нишон) ба вариатсия (тағйирот) дучор гардидаанд. Ин ҷузъҳо бархилофи ҷузъҳои ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ омадаанд.

Боби сеюми кор ба масъалаи монандӣ ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертарсия бо далелҳои эътимодноки илмӣ ва истинод аз асарҳои адибони тоҷик умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи ин категорияҳои фразеологиро собит намудааст.

Барои кори таҳқиқотии худ муаллиф адабиёти зиёди илмии назариявиро истинод меоварад, сарчашмаҳои муътамадро мавриди истифода қарор додааст, ки барои ҳалли мақсаду ҳадафҳои дар диссертатсия гузошташуда кӯмак расонида метавонад.

Дар баробари дастовардҳо фишурдаи рисола аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Зикри он камбудиҳо бо нияти беҳбудию пешрафт, болоравии сифати кор зарур мебошанд:

1. Дар баъзе маврид дар диссертатсия зикри арқоми сарчашма ва саҳифаҳои он дар дохили қавсайн дар муқоиса бо рӯйхати адабиёт мухталиф аст ва бояд ислоҳ карда шавад.
2. Ҳамчунин, дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд.

Камбудиҳои зикршуда ночиз буда, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд.

Кори диссертатсионии Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ мебошад ва дар ҳаллу фасли масъалаи нисбатан мубраму гуногунҷабҳаи фразеологияи тоҷик – сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ саҳми боризе дорад ва муаллифи он пурра барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** __________ **Саидов Н.С.**

**Имзои дотсент Н.С. Саидовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** __________ **Ҳамидов Ш.Б.**

**Маълумот дар бораи иртибот:**
**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33**
**E-mail: nurali.saidov.86@inbox.ru**
**Телефон: (+992) 988 88 25 66**
**«28» апрели соли 2023**